«Тасдиқ мекунам»
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»
профессор ________ Давлатзода С.Х.
«28» ____08____ 2023 с.

**НУСХА АЗ СУРАТҶАЛАСАИ №1**

ҷаласаи кафедраи назарияи иқтисоди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз «28» августи соли 2023 ш. Бохтар

**Иштирок карданд:**

**Раисикунанда:** Расулова Д.Б. номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи назарияи иқтисод.

**Аъзоён:** Раҳимов П.С.-н.и.и., дотсент, декани факултети молиявию иқтисодӣ, Нурализода Н.-н.и.и., дотсент, Джайлоев З.М.-н.и.и., дотсент, Холназаров М.Ҳ.-н.и.и. дотсент, Бақоев Ш.С.-н.и.и., дотсент, Мирзозода М.-н.и.и., Шарипов И.О., Султонзода И.М. доктори (PhD), Гулов Б.М., доктори (PhD), Шамсов Ҷ. доктори (PhD), омӯзгорон: Султонов М.С. муалими калон, Эрматов М.С. муалими калон, Абдулоева Н. муалими калон, Каримов Ш. муалими калон, Раҳимов Ш.Ҳ. муалими калон, Тошпулотов Ш.А. муалими калон, Барфаков Қ.Р. муалими калон, Лутфулоев С.С., Кенжаев И.У., Фозилова М., Кодиров Р.А., Шукуров Ҷ.Р. асистент, Раҷабов М.Р. асистент, Сафаров С.З. асистент, Худоёрова У.Д. асистент, Ҳасанова С.Х. лаборанти кафедра.

Мутахасисони даъватшуда аз Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон: д.и.и. дотсент, Аминов И., д.и.и. дотсент, Мирсаидов Б.С., н.и.и. дотсент, Бегматов А.А.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Муҳокимаи рисолаи диссертатсионии унвонҷӯи кафедраи назарияи иқтисоди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Кабиров Шарофудин Раҳмудинович дар мавзуи «**Таъсири равандҳои муҳоҷират дар бахши кишоварзии бозори меҳнати минтақавӣ» (дар мисоли вилояти Хатлон)»**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, ки аз рӯйи ихтисоси: (08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) пешниҳод шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

**Шунида шуд:** Оид ба масъалаи мазкур унвонҷу Кабиров Шарофудин Раҳмудинович баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳиммият ва рузмарагӣ,

вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии рисолаи номзадии худ маълумот дода, қайд намуданд, ки дар шароити дигаргуниҳои куллӣ дар иқтисодиёт, муҳоҷирати аҳолӣ омили ҷиддии ташаккули бозори меҳнат, шуғл ва бекорӣ, бахусус дар бахши кишоварзии иқтисодиёт мегардад. Муаллиф қайд менамояд, ки вилояти Хатлон, дар он бартарии аҳолии деҳот мушоҳида мегардад, яке аз минтақаҳои аграрӣ-саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар ин ҷо корхонаҳои калони агросаноатӣ мутамарказонида шудаанд. Иқтидори захираҳои табиӣ, шароити иқлим, мавқеи географӣ, сохти демографии аҳолӣ барои рушди устувори истеҳсолоти кишоварзӣ дар минтақа шароити мусоид фароҳам меоранд. Пас аз шунидани маъруза бо мазмуни кӯтоҳ (асосӣ) ба унвонҷӯ аз тарафи шахсони зерин саволҳо дода шуд.

1. Декани факултети «молиявию иқтисоди»-и ДДБ ба номи Н.Хусрав н.и.и., дотсент, Раҳимов П.С.
2. Дотсенти, кафедраи «молия»-и ДДБ ба номи Н.Хусрав Холназаров М.Ҳ.
3. Мудири кафедраи «фаолияти бонкӣ»-и ДДБ ба номи Н.Хусрав н.и.и., дотсент, Джайлоев З.М.
4. Мудири кафедраи «Баҳисобгирии муҳосибӣ»-и ДДБ ба номи Н.Хусрав н.и.и., Мирзозода М.Ш.
5. Мудири кафедраи «таҳлили иқтисодӣ ва аудит»-и ДДБ ба номи Н.Хусрав н.и.и., Шодиев Б.С.
6. Н.и.и., кафедраи «назарияи иқтисод»-и ДДБ ба номи Н.Хусрав Наимов Б.Қ.
7. доктори (PhD) кафедраи «молия»-и ДДБ ба номи Н.Хусрав Гулов Б.М.
8. доктори (PhD) кафедраи «фаолияти бонкӣ»-и ДДБ ба номи Н.Хусрав Султонзода И.М.
9. Д.и.и., дотсент, профессори кафедраи менеҷменти ДДМИТ, аъзои шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 Аминов И.
10. Н.и.и., дотсент, профессори кафедраи молияи ДДМИТ, аъзои шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 Бегматов А.А.

Ба саволҳои додашуда унвонҷӯ ҷавобҳои мукаммал доданд:

Дар муҳокимаи рисолаи номзадии Кабиров Шарофудин Раҳмудинович инҳо иштирок карданд: н.и.и. дотсент, Муллоев Х.А., н.и.и. дотсент, Гулов Қ.М., н.и.и. дотсент, Раҳимов П.С., д.и.и., дотсент, аъзои шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 Мирсаидов Б.С.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳимияти мавзуи таҳқиқотро қайд карда, саҳми унвонҷӯро дар таҳқиқоту баррасии масъалаҳои назариявӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Кабиров Шарофудин Раҳмудинович муҳаққиқи ҷавони кордон, боинтизом ва пурмасъул буда, муаллифи чандин таълифоти илмӣ, иштирокчии як қатор конфренсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назарияви дохилидонишгоҳӣ ва байналмилалӣ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қайд гардидааст, ки барои тамоми кишварҳо заминаи асосии таъмини рушди устувор ва мутавозин ин рушд додани минтақаҳои онҳо мебошад. Таҳлил нишон дод, ки ислоҳоти аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалишудаистода бештар дар сатҳи марказӣ амалӣ шудааст. Дар робита бо ин, дар минтақаҳои кишвар масъалаҳои зиёди ҳалношуда боқӣ мондаанд. Яке аз ҳамин масъалаҳо механизми идоракунии раванди муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии минтақаҳо мебошад. Зеро дар шароити дигаргуниҳои куллӣ дар раванди муҳоҷирати аҳолӣ омили ҷиддии ташаккули бозори меҳнат, таъмини муҳоҷирон бо ҷойҳои корӣ, бахусус дар бахши иқтисодиёти кишоварзии минтақаҳо мегардад. Аммо раванди идоракунии муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзӣ бо бисёр омилҳо ва пеш аз ҳама, музди меҳнати паст дар соҳаи кишоварзӣ, зиёдшавии аҳолӣ, бекорӣ, афзоиши шумораи корхонаҳои кишоварзии зарардида ва қарздор инчунин ҳодисаҳои фавқулода алоқаманд мебошад. Вобаста ба зиёдшавии аҳолӣ ҳамчун омили афзоши муҳоҷират Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумхури Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми соли 2022 қайд намуданд, ки «...роҳбарону мутахассисони Вазорати кишоварзӣ, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ, Академияи илмҳои кишоварзӣ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки бо дарназардошти афзоиши аҳолӣ ҷиҳати зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо ва таҷдиду барқарорсозии иншооти обёрӣ эътибори аввалиндараҷа диҳанд». Дар ҳолати беэътинои ин вазъият метавонад боиси тезу тунд шудани мушкилиҳои бо кор таъмин ва бекории аҳолӣ, махсусан дар минтақаҳо ва боиси зиёдшавии раванди муҳоҷирон дар минтақаҳо гардад.

**Мақсади таҳқиқот** аз омӯзиш ва таҳқиқоти асосҳои назариявии бозори меҳнат ва муҳоҷират дар соҳаи кишоварзӣ, муайян намудани омилҳои таъсиррасон ба афзоиши муҳоҷират дар бозори меҳнат, такмили механизми идоракунии раванди муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии вилояти Хатлон иборат аст.

**Вазифаҳои таҳқиқот**. Вобаста ба ин ҳадафҳо дар кори таҳқиқотӣ вазифаҳои зерин гузошта ва ҳал карда шуданд:

- таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии бозори меҳнат ва муҳоҷират ва муайян намудани методикаи арзёбии равандҳои он дар соҳаи кишоварзии минтақа;

- омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба идоракунии муҳоҷират дар бахши кишоварзии минтақа;

- муайян намудани вазъи кунунии муҳоҷират дар минтақа ва таъсири он ба рушди истеҳсолоти кишоварзӣ;

- муайян намудани омилҳои таъсиррасон ба зиёдшавии муҳоҷирон дар соҳаи кишоварзии минтақа ва роҳҳои ҳалли он;

- пешниҳоди самтҳои афзалиятноки идоракунии муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии минтақа;

- такмили механизмҳои идоракунии муҳоҷират ва таъсири он дар беҳтар намудани соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон.

**Объекти таҳқиқот** маҷмуи равандҳои ташаккули бозори минтақавии меҳнат дар шароити серҳаракатии қувваи корӣ ва чараёни таъсиррасонии муҳоҷирати қувваи кориро ба соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон дар бар мегирад.

**Мавзуи таҳқиқот** механизми идоракунии раванди муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии минтақа ва муҳоҷирати қувваи корӣ дар низоми омилҳои таъсиррасон ба бозори минтақавии меҳнати вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот.** Фарзияи таҳқиқот дар пояи муқаррароти ибтидоие асос ёфтааст, ки таъсири номатлуби равандҳои муҳоҷиратро дар бахши кишоварзии бозори меҳнати минтақавӣ дар як минтақаи алоҳидаи аграрӣ-саноатӣ, ки вилояти Хатлон ба он мансуб меёбад, бо роҳи омӯзиши амиқи асосҳои назариявии таҳқиқи бозори меҳнати минтақавӣ ва муҳоҷират, истифодаи методикаи илман асоснокшудаи таҳқиқи равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ, истифодаи таҷрибаи судманди мамлакатҳои хориҷа, таҳқиқи ҳолати муосири муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақа ва таъсири он ба бахши кишварзии минтақа, бо роҳи таҳияи механизми идоракунии раванди муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии вилояти Хатлон кам кардан имконпазир аст.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Дастовардҳои илмии нисбатан муҳиме, ки муаллиф мустақиман ба онҳо ноил гардида, ба ҳимояи ошкоро пешниҳод менамояд, аз инҳо иборатанд:

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- ҷанбаҳои назариявии бозори меҳнат ва муҳоҷират дар соҳаи кишоварзӣ ба пуррагӣ дар сатҳи минтақа баррасӣ ва таърифи нави он пешниҳод,

инчунин методикаи арзёбии равандҳои муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии минтақа муайян гардиданд;

- пешниҳодҳо оид ба истифодабарии таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ (таҷрибаи кишварҳои Олмон, Франсия, Россия) доир ба истифодаи механизми идоракунии раванди муҳоҷират дар бахши кишоварзӣ;
- муайян намудани ҳолати муосири муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақа ва таъсири он ба бахши кишварзии минтақа;
- таҳлил ва муайян намудани омилҳои таъсиррасон ба афзоиши муҳоҷират дар бозори меҳнат ва пешниҳоди роҳҳои ҳалли он;
- муайян ва пешниҳод намудани самтҳои афзалиятноки идоракунии муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии минтақа;
- такмили механизми идоракунии раванди муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии вилояти Хатлон.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки он корҳои олимони маъруфи ватанӣ ва хориҷиро оид ба ташаккули фаъолияти бозори меҳнат дар бахши кишоварзии минтақа дар бар гирифтааст. Ҳангоми баррасии мавзуъ муаллиф ба равияҳои консептуалӣ, ки дар монографияҳои илмӣ, маводи конференсияҳои илмӣ-амалӣ, ҳисоботи илмии марказҳои намоёни илмӣ баён гардидаанд, инчунин, ба қонунҳо, стратегияву барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон такя намудааст.

Хулоса ва тавсияҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ овардашударо дар фаъолияти амалӣ ҳангоми идоракунии муҳоҷират дар бозори меҳнати кишоварзии минтақа ба таври васеъ истифода бурдан мумкин аст. Онҳоро, инчунин, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои такмили қонунгузорӣ ва таҳияи тадбирҳо дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ истифода бурда метавонад.

Дигар ин, ки маводи таҳқиқотро ҳангоми хондани лексияҳо оид ба курси «Бозори меҳнат», «Иқтисодиёт ва идороракунӣ», «Менеҷмент» ҳамчунин, ҳангоми хондани маърӯзаҳо дар курси махсус дар ихтисосҳои иқтисодии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав истифода бурдан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи мазкур аз ҷониби Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (Суратмаҷлиси №1/105, аз 28.01.2022) барои истифода пешниҳод шуда, санад оид ба татбиқи амалии онҳо мавҷуд аст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Муқаррароти назариявӣ ва методологии диссертатсия, объект, мавзуъ, навгониҳо ва муҳтавои он ба бандҳои шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи

олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мувофиқат менамояд, аз ҷумла: 1.7. Бозорҳои локалӣ (маҳаллӣ), ташаккулёбии онҳо, амалкард ва ҳамкорӣ; савдои байнизминтақавӣ. Назарияи ҷуғрофиёи нави иқтисодӣ; 1.15. Мақсадҳо ва механизмҳои сиёсати давлатии тараққиёти минтақаҳо. Шаклҳо ва механизмҳои баҳамтаъсиррасонии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ҳалли масъалаҳои асосии тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ. Муаммоҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии идоракунии маҳаллӣ; 1.19. Истифодаи самараноки омилҳои истеҳсолот дар тараққиёти иқтисодиёти минтақаҳо. Қонуниятҳо ва хусусиятҳои ташкил ва идоракунии сохторҳои иқтисодӣ дар минтақаҳо. Бартариятҳои мутлақ ва нисбии кластерҳои иқтисодии минтақавӣ; 1.22. Инкишофи бозори минтақавии меҳнат. Иқтидори меҳнатӣ дар минтақаҳо ва хусусиятҳои идоракунии он. Муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ дар минтақаҳо. Хусусиятҳои ҷойгиркунии минтақавии иқтидори меҳнатӣ; 1.24. Тараққиёти комплекси агросаноатӣ дар минтақаҳо, хусусиятҳои минтақавӣ ва макониии инкишофи хоҷагии қишлоқ.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳамаи давраҳои иҷроиши нақшаи кори илмӣ, таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсадгузорӣ ва иҷрои вазифаҳо аз ҷониби муаллиф ба анҷом расонида шудааст. Дар ҷараёни таҳқиқ муаллиф ҳолати муосири муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақа ва таъсири он ба бахши кишварзӣ омӯхта, омилҳои таъсиррасон ба афзоиши муҳоҷират дар бозори меҳнат муайян ва механизмҳои идоракунии муҳоҷирон дар беҳтар намудани соҳаи кишоварзии вилояти Хатлонро пешниҳод намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқотро дар шакли хулоса ва пешниҳодҳо дар мақолаҳои илмӣ пешниҳод намудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Нуктаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ (солҳои 2010-2020) пешниҳод гардида, дастгирӣ ёфтаанд. Аз ҷумла дар конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Рушди гидроэнергетика - Рушди Тоҷикистон» (20-уми декабри соли 2018) дар Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон, конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Истифодаи самараноки захираҳои обӣ ва нақши он дар рушди соҳаҳои хоҷагии халқи давлатҳо» бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» (27 декабри соли 2021, шаҳри Кӯлоб) мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот 12 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 10 ҷузъи чопии он дар маҷаллаҳои аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки ба талаботи банди 35-уми тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

## АЎЙХАТИ МАҚОЛАҲОИ ЧОПШУДА АЗ РЎЙИ МАВЗЎЪ

**А) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои эътирофгардидаи КОА чоп шудаанд.**


[1-М]. Кабиров Ш.Р. Трудовая миграция как фактор экономического благосостояния [Матн] / Ш.Р. Кабиров /// Вестник таджикского национального университета.- Душанбе, 2018. -№9- С. 48-53. - ISSN 2413-5151

[2-М]. Кабиров Ш.Р. Мақсад ва хусусиятҳои иқтисодии интиқоли воситаҳои пулии муҳоҷирони меҳнатӣ [Матн] / Ш.Р. Кабиров /// Паёми ДДБ ба номи Н.Хусрав. - Бохтар, 2018. - №1/4 (57). - С.178-181.- ISSN 2309-6764

[3-М]. Кабиров Ш.Р. Таҳлили омории динамикаи шумораи аҳолӣ ва омилҳои рушди он [Матн] / Ш.Р. Кабиров /// журнал иқтисодиёти тоҷикистон иниститути иқтисодиёт ва демографияи назди академияи илмҳо Ҷ Т// Душанбе- 3/ 2018 – С, 101- 107. ISSN 2310-3957

[4-М]. Кабиров Ш.Р. Муҳоҷирати глобалии ҷаҳони ва истифодаи самараноки он дар давлатҳои ќабул ва интиќолдиҳанда [Матн] / Ш.Р. Кабиров /// Журнали Институти иқтисодиёт ва демографияи назди академияи илмҳои Ҷ Т// Душанбе- 4/ 2018 – С, 141- 148. ISSN 2310-3957

[5-М]. Кабиров Ш.Р. Сабабҳои иҷтимоию иқтисодии муҳоҷирати қувваи коргарӣ ва оқибатҳои он [Матн] / Ш.Р.Кабиров // Паёми ДДБ ба номи Н.Хусрав. - Бохтар, 2019.- №1/3 (65) – С.293-296. ISSN 2663-5534

[6-М]. Кабиров Ш.Р., Ҷаҳонишавии муҳоҷирати байналхалқӣ ва андешаҳо оид ба танзими равандҳои муҳоҷират [Матн] / Ш.Р. Кабиров, Ш. Шамсуллозода // Паёми ДДБ ба номи Н.Хусрав. Қисми 2. - Бохтар, 2020.- №1/4 (80). - С.194-199. ISSN 2663-553

[7-М]. Кабиров Ш.Р. Таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба идоракунии муҳоҷират дар бахши кишоварзии минтақа [Матн] / Ш.Р. Кабиров // Паёми ДДБ ба номи Н.Хусрав. - Бохтар, 2021. - №1/4 (68). - С.69-74. ISSN 2663-5534

[8-М]. Кабиров Ш.Р. Омилҳои таъсиррасони муҳоҷирон дар соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон [Матн] / Ш.Р. Кабиров /// Паёми ДДТТ. - Дешанбе, 2021. - №4/1 (38). - С.118-125. ISSN 2308-054X

[9-М]. Кабиров Ш.Р. Тадбирҳои мамлакатҳои хориҷа доир ба ҳалли масъалаҳои норасоии қувваи кории дар соҳаи кишоварзӣ [Матн] / Ш.Р. Кабиров /// Паёми ДДМИТ. - Дешанбе, 2021. - №4/1 (29). - С.225-231. ISSN 2308-054X

[10-М]. Кабиров Ш.Р. Нақш ва таъсири муҳоҷират дар рушди истеҳсолоти кишоварзии вилояти хатлон [Матн] / Ш.Р. Кабиров, А.А. Мирзоалиев /// Паёми ДДБ ба номи Н.Хусрав. - Бохтар, 2022. - №1/4 (104). - С.156-160.ISSN 2663-5534

**дар дигар нашрияҳо**:

[11-М]. Кабиров Ш.Р. Роҳҳои бартараф намудани мушкилотҳои муҳоҷирон дар соҳаи кишоварзии минтақа [Матн] / Ш.Р. Кабиров, А.А. Мирзоалиев /// Конференсияи байналмиллалии илми-амалӣ дар мавзӯъи самтҳои стратегии рушди соҳибкории иноватсионӣ дар шароити ҷаҳонишави 25- ноябри соли 2022 с.219-224 Душанбе- 2022

[12-М]. Кабиров Ш.Р. Сабаб ва хусусиятҳои асосии муҳоҷирати меҳнатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) [Матн] / Ш.Р. Кабиров /// Конференсияи байналмиллалии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон. - Кӯшониён, 2019 - №1/1 - С.225-231.ISSN 2308-054X

**Қарори ҷаласаи кафедра**

Кафедра пас аз муҳокимаи диссертатсияи Кабиров Шарофудин Раҳмудинович дар мавзуи «**Таъсири равандҳои муҳоҷират дар бахши кишоварзии бозори меҳнати минтақавӣ» (дар мисоли вилояти Хатлон)** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: (08.00.03 – Иқтисодиёти минтақави ва ҳудудӣ) шунидани тақризи роҳбари илмӣ н.н.н. дотсент, Мирзоалиев А.А. баромади номзадҳои иқтисодӣ, дотсентон, Шодиев Б.С., Раҳимов П.С., баромади аъзоёни даъватшудаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014, маҷлиси кафедраи назарияи иқтисод дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии кушода ва хулосаи пешниҳодгардида оид ба мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос, навгонии илмӣ, аҳмият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршудаи диссертатсияи Кабиров Шарофудин Раҳмудинович,

**Қарор мекунад:**

1. Диссертатсияи Кабиров Шарофудин Раҳмудинович дар мавзуи « **Таъсири равандҳои муҳоҷират дар бахши кишоварзии бозори меҳнати минтақавӣ» (дар мисоли вилояти Хатлон)** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: (08.00.03 – Иқтисодиёти минтақави ва ҳудудӣ) ҷавобгӯ ба талаботи муқаррaргардида арзёби мегардад ва барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Ҳангоми овоздиҳӣ ба масъалаи мазкур 24 нафар иштирок доштанд, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳи 21 нафар.

Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст:

тарафдор - 21

зид -нест

бетараф -нест

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи назарияи иқтисоди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав 28-уми августи соли 2023 суратҷаласаи №1 қабул шудааст.

**Раиси ҷаласа,**
мудири кафедраи назарияи иқтисоди
ДДБ ба номи Н.Хусрав,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Расулова Д.Б.

**Котиб:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти Наимов Б.Қ.
кафедраи назарияи иқтисоди
ДДБ ба номи Н.Хусрав,

Имзоҳои Д.Б. Расулова ва Б.Қ. Наимов –ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДБ ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.А.